«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент

__________ Наҷмиддиниён А.М.

«26» сентябри соли 2023

# ХУЛОСАИ

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон 20 - уми декабри соли 1974 дар деҳаи Наврӯҳои ҷамоати деҳоти Лоҳутии ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 1981 ба МТМУ №14-и ин ноҳия рафта, онро соли 1991 хатм намудааст. Соли 1993 ба факултети таърих ва ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (шуъбаи рӯзона), дохил шуда, онро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҷамъиятшиносӣ хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиро соли 2000 ба ҳайси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ дар МТМУ №14 - и ноҳияи Ховалинг оғоз намудааст. То соли 2009 ҷонишини директор оид ба корҳои маишӣ-иҷтимоӣ, ҷонишини директор оид ба корҳои таълими истеҳсолии омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №66-и шаҳри Душанбе шуда кор кардааст. Аз соли 2009 то то ҳол дар вазифаи мутахассиси пешбари Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Маҳмадализода Бобоҷон солҳои 2014-2018 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, Маҳкамов Дастам.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима

гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Протоколи шуъба аз 26. 05. 2023, №05).

Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадализода Бобоҷонро бо иштироки муқарризони расмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ М. Бобоева ва номзади илмҳои таърих, сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Ализода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯй Маҳмадализода Бобоҷон оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба мазмун ва мундариҷаи ҷанбаи педагогии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Маҳмадализода Бобоҷон иброз намуданд.

Муқарризи расмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, М. Бобоева аз ҷумла қайд намуд, ки мазмун ва мундариҷаи ҷанбаи педагогии ташаккули салоҳиятнокии иттилотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир буда, зарурати ба роҳ мондани он дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ татбиқ менамояд. Дар шароити кунунии ҷамъияти иттилоотии муосир, ки самти он ба башардӯстона гардонидани тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъият нигаронида шудааст, омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мубрамияти махсусро касб намудааст. Тавассути омӯзиши он шахсияти дорои сифатҳои худбаҳодиҳии воқеӣ, қудрати эҷодӣ, маҳорати майл пайдо намудан дар басёршаклии ахбор ва сари вақт коркард намудани он дар доираи имкониятҳои мавҷуда тарбия карда мешавад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ мазмун ва моҳияти мафҳуми ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёнро мушаххас намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи онро пешниҳод кардааст.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия ҷанбаи педагогии дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад номзади илмҳои педагогӣ, Бобоева М. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои таърих, сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Ализода қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии раванди ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва самарбахшии он дар шароити муосир ташкил додааст ва дар натиҷа онҳо барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таҷрибадор мегарданд. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Ализода Д. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Маҳмадализода Бобоҷон имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона ба таълим масъалаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёд мешавад, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ зиёд мегардад.

Мавсуф афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, маърузаю баромадҳо оид ба раванди ташаккул додани салоҳияти итилоотӣ-маърифатӣ истифода кард. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Муҳим будани диссертатсияи номзадии Маҳмадализода Бобоҷон дар он собит мешавад, ки дар шароити муосир омӯзиши таърихи миллат ва давлати хеш ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон имкон медиҳад, решаҳои гузаштагони хеш ва корнамоиҳои онҳоро фаҳманд, бо таърих, маданият, анъана, расму оини миллати куҳанбунёди хеш шинос гардида, ифтихор ва ғурури онҳо бедор гардад.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаи педагогии ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва як силсила масъалаҳо норавшан мондаанд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро тақозо менамоянд.

Довталаб зимни таҳқиқоти худ мазмун ва мундариҷаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро муайян намудааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла,

1.Бо мақсади ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯён ҳарчи бештар истифода намудан аз намуд, шакл, усулҳои муосири таълим;

2. Пайдо намудани роҳҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯён тавассути технологияи муосири иттилоотӣ, корҳои тарбиявӣ, худомӯзии донишҷӯён ва корҳои беруназаудиторӣ;

3. Коркарди чорабиниҳои асосноки педагогӣ баҳри ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

4. Мутобиқсозии педагогикаи миллӣ ба ташаккулёбии салоҳиятнокии иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯён тавассути дарси таърихи халқи тоҷик дар ҳифз карда тавонистани нуқтаи назари хеш;

5. Муайян намудани ҳолати мушкилотӣ дар назария ва таҷрибаи педагогикаи миллӣ ҳангоми корҳои озмоишӣ- таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- ошкор намудани роҳҳои самараноки аз бар намудани донишҳои таърихӣ тавассути ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- пайдо намудани роҳҳои бартараф намудани номувофиқатӣ байни талаботи донишҷӯён ба фани таърихи гӯшаи худ дар мазмуни мавҷудаи таълими таърихи халқи тоҷик;
- истифодаи донишҳои психологӣ- педагогӣ ва шароитҳои дидактикӣ дар инкишофи салоҳияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;
- бо роҳи озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор намудани мавқеи технологияи муосири таълим дар инкишофи маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути дарсҳои таърихи халқи тоҷик.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаи таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо ва хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, омода намудани роҳнамо ва дастурҳои методии омӯзгорон мувофиқ мебошад. Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашриёҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни диссертатсияро фаро мегиранд:

[М-1] Маҳмадализода Б. Р. Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи касбӣ // маҷаллаи "Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон", №2, -соли 2023. - С. 210-221.

[М-2] Маҳмадализода Б. Р. Ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун мушкилоти педагогӣ // маҷаллаи "Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар", №2, -соли 2023. - С. 130-142.

[3-М] Махкамов Д., **Маҳмадализода Б. Р.** Таърихи Истиқлол дар рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ [Матн] / Махкамов Д., Маҳмадализода Б. Р. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. -№2 (42). – Душанбе. 2023.- С.132-137.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокдорон ҷаласаи васеи семинари илмӣ - методӣ қ а р о р  к а р д:

1. Диссертатсияи илмии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" кори илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-046-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ Тоҳириён Ш. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ аз 26 сентябри соли 2023, протоколи №13 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 17 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,

роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — П. Лутфуллоева

**Муқарризон:**

Мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ — М. Бобоева

Сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих — Д. Ализода

Котиби ҷаласаи семинари илмӣ-методӣ, номзади илмҳои филология — Ш. Тоҳириён

*Имзои П. Лутфуллоева, М. Бобоева, Д. Ализода ва Ш. Тоҳириёнро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Х. Ҳакимова